Бо қарори маҷлиси умумии Ассотсиатсияи хатмкардагони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шудааст.
Протоколи №1 аз «27» 05 соли 2024

Бо қарори Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
аз «31» 05 соли 2024
протоколи № тасдиқ карда шудааст.
Раиси Шурои олимон, профессор
________ Насриддинзода Э.С.

# ОИННОМАИ
# АССОТСИАТСИЯИ ХАТМКАРДАГОНИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Ташкилоти ҷамъиятии «Ассотсиатсияи хатмкардагони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» (минбаъд – Ассотсиатсия) иттиҳодияи ихтиёрӣ, худидоракунӣ ва ғайритиҷоратӣ буда, мақсад ва вазифаҳои он тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», Оинннома ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад.

1.2. Ассотсиатсия фаъолияти худро мустақилона ба амал мебарорад. Ассостсиатсия ҳуқуқ дорад, ки ба ассотсиатсияҳои маҳаллӣ ва байналмилалие, ки мақсад ва вазифаҳои мувофиқ мебошанд, ҳамкорӣ намояд.

1.3. Ассотсиатсия барои уҳдадориҳояш бо маблағҳо ва моликияти худ масъул буда, нисбат ба онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулият дорад.

1.4. Ассотсиатсия аз лаҳзаи сабти давлатии худ шахси ҳуқуқӣ ба шумор рафта, дорои моликияти алоҳида, маблағҳои асосӣ ва мубодилавӣ, тавозуни мустақил буда, дар бонкҳо суратҳисоб дошта метавонад, соҳиби ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ, инчунин дар суд, аз ҷумла судҳои иқтисодӣ даъвогару ҷавобгар бошад.

1.5. Ассотсиатсия фаъолияти оинномавии худро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардонад.

1.6. Мақомоти роҳбарикунандаи Ассотсиатсия кафили иҷрокунандаи Оиннома мазкур ба шумор рафта, дар суроғаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17 ҷойгир мебошад.

## 2. ҲАДАФҲО ВА ВАЗИФАҲО

2.1. Мақсади асосии фаъолияти Ассотсиатсия мусоидат ба таъмини гуногуншаклӣ ва рушди раванди илмию техникӣ ва касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

2.2. Вазифаҳои Ассотсиатсия:

1. мусоидат ва ҳаллу фасли масъалаҳои мухталифи касбии самтҳои бартариятноки рушди иқтисодиёти миллӣ, рушди соҳаи энергетика, саноат, кишоварзӣ, менеҷмент, иттилоот, технологияи кимиёвӣ ва электронӣ, педагогика ва илмию теҳникӣ;

2. мусоидат ба рушди низоми мунтазами таҳсилоти касбӣ, тарбияи маънавӣ ва ахлоқии донишҷӯён, ташаккули сифатҳои корӣ ва касбии онҳо;

3. таҳкими равобити доимӣ ва муфид бо хатмкардагони ДМТ бо роҳи ҷалби онҳо ба фаъолияти донишгоҳ, ҳаллу фасли мушкилоти ҷорӣ ҷиҳати ташаккули ҷаҳонбинии устодони ҷавон, нигоҳ доштани беҳтарин анъанаҳои ДМТ;

4. мусоидат ба васеъ намудани тарғиби таҷрибаи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, комёбиҳои илмию техникӣ ва технологӣ тавассути васоити ахбори умум, технологияҳои иттилоотию компютерӣ, нашри рӯзномаю маҷаллаҳо, китобҳои дарсӣ, рисолаҳо, буклетҳо, лоиҳаҳо, тарғибот ва ғайра;

5. дастгирии муассир бо хатмкардагони дигар мактабҳои олӣ дар таъмини рушду нумӯи касбии онҳо, барқарор намудани робитаҳои тарафайн;

6. дастгирии фаъолияти таҳқиқотӣ ва такомули назариявию амалии олимони ҷавони ДМТ;

7. мусоидат ба ҷалби муассисаҳо, ширкатҳо ва дигар сохторҳои истеҳсолию зерсохторӣ барои омодакунии мақсадноки мутахассисон;

8. мусоидат ба ҷалби мутахассисони баландихтисос, аз ҷумла аз мамолики хориҷии наздик ва дур бахри расонидани ёрӣ ба корҳои таълимию методӣ дар Донишгоҳ;

9. мусоидат ба таъмини пойдорӣ ва устувории ҳамкориҳои илмию техникӣ ва фарҳангӣ;

10. расонидани кумакҳои молиявӣ (бо маблағҷудокунӣ) ва татбиқи барномаҳои дурнамо ва лоиҳаҳое, ки ба баланд шудани сифати тайёркунии мутахассисон мусоидат мекунанд;

11. мусоидат дар маблағгузории хариди таҷҳизоти техникӣ, маводу воситаҳо барои донишгоҳ, ки барои ташкили раванди таълим ва пешбурди таҳқиқотҳои илмӣ заруранд;

12. мусоидат дар маблағгузории сафарҳои хориҷии таҷрибаомӯзон, аспирантҳо ва устодони донишгоҳ;

13. мусоидат ба ҷалби нерӯҳои илмию техникии донишгоҳ барои ҳаллу фасли масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи ихтисос ва иштирок дар корҳои илмию таҳқиқотӣ, таҷрибавию конструкторӣ дар корхона ва соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ;

14. мусоидат дар ташкили намоишгоҳҳо, бойгонӣ ва озмоишгоҳҳои илмӣ-техникӣ;

15. иҷрои дигар вазифаҳое, ки аз фаъолияти Ассотсиатсия бармеоянд.

## 3. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲО

3.1. Барои ноил шудан ба мақсадҳои оинномавӣ ва ҳаллу фасли вазифаҳои гузошташуда Ассотстатсия тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад:

- дар хусуси фаъолияти худ ба роҳбарияти донишгоҳ ва аҳли ҷомеа иттилоъ диҳад;
- вохӯриҳо, мизҳои мудаввар, семинарҳо ва конференсияҳо гузаронад, ҳуқуқҳо ва манфиатҳои аъзоёни худро дар мақомоти судӣ пешниҳод ва ҳифз намояд, созишномаҳои мухталифро бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар ҳудуди Ҷумҳурӣ ва берун аз он ба тасвиб расонад;
- дигар чораҳоро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намояд.

3.2. Ассотсиатсия дорои уҳдадориҳои зерин мебошад:

- дар раванди амалигардонии фаъолияти оинномавӣ талаботи Конститутсия, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистонро риоя ва иҷро намояд;
- дар хусуси фаъолияти Ассотсиатсия ба намояндагони мақомоти бақайдгиранда ҷиҳати дастрасии иттилоот иҷозат диҳад;
- мақомоти бақайдгирандаро дар хусуси гузаронидани чорабиниҳои мухталиф хабардор намояд;
- ҳар сол як маротиба ба мақомоти бақайдгиранда дар хусуси идомаи фаъолияти худ бо нишондоди суроғаи расмии мақомоти роҳбарикунанда Ассотсиатсия маълумот пешниҳод намояд.

## 4. ШАРТҲОИ БА ДАСТ ОВАРДАН ВА АЗ ДАСТ ДОДАНИ ҲУҚУҚИ АЪЗОГӢ БА АССОТСИАТСИЯ

4.1. Аъзоёни Ассотсиатсия шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бетабаае, ки синашон ба 22 расидааст, шуда метавонанд.

4.2. Ба даст овардани ҳуқуқи аъзогӣ сарфи назар аз ҷинс, нажод ва мазҳаб амалӣ карда мешавад.

4.3. Шаҳрвандон ба аъзогии Ассотсиатсия дар асоси аризаи шахсии онҳо қабул карда мешаванд.

4.4. Ҳуқуқи аъзогӣ дар Ассотсиатсия бо қарори Раёсат ва тибқи аризаи шахсии аъзои Ассотсиатсия дар бораи ихтиёран аз аъзогӣ озод шудан қатъ мегардад.

4.5. Узви ассотсиатсия ҳуқуқ дорад, ки пас аз хотимаи соли молиявӣ бо салоҳдиди худ аз ҳайати ассотсиатсия бароял. Дар ин сурат ӯ аз рӯйи уҳдадориҳои ассотсиатсия дар давоми ду соли пас аз хориҷ шуданаш мутаносибан ба аъзоҳаққии худ масъулияти иловагӣ бар дӯш дорад.

4.6. Бо розигии узви ассотсиатсия ба он метавонад узви нав шомил шавад. Ба ассотсиатсия шомил шудани иштирокчии нав мумкин аст вобаста ба масъулияти иловагии доштаи он оид ба уҳдадориҳои ассотсиатсия, ки то шомилшавии ӯ ба миён омадааст, сурат гирад.

4.7. Аъзоёни Ассотсиатсия ҳуқук доранд:

- мақомоти роҳбарикунандаи Ассотсиатсияро интихоб кунанд ва дар он интихоб гарданд;
- дар фаъолияти Ассотсиатсия пайваста ва фаъолона иштирок намоянд;
- ба мақомоти Ассотсиатсия оид ба масъалаҳои ба баррасии фаъолияти он алоқаманд таклифот пешниҳод намояд;

4.7. Уҳдадориҳои аъзоён:

- дар фаъолияти худ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оиннномаи Ассотсиатсия амал намоянд;
- қарорҳои мақомоти роҳбарикунандаи Ассотсиатсияро иҷро намоянд;
- аз иҷрои амалҳои ба Ассотсиатсия зарар мерасонда худдорӣ кунанд.

## 5. ВОҲИДҲОИ СОХТОРӢ

5.1. Барои ноил гардидан ба ҳадафҳо ва иҷрои қарорҳои қабулшуда Ассотсиатсия филиалҳо ва намояндагиҳоро дар тамоми қаламраве, ки фаъолияташ дар бар мегирад, мекушояд.

5.2. Филиалҳо ва намояндагиҳои Ассотсиатсия:

- Ҳамчун шахси ҳуқуқӣ амал карда наметавонад;
- Ҳуқуқи моликиятро нисбати молу мулки ба онҳо додашударо надорад.

5.3. Воҳидҳои сохтории Ассотсиатсия мақоми шахси ҳуқуқиро надошта, фаъолияти худро дар асоси Низомнома амалӣ мекунанд.

5.4. Филиал ва намояндагиҳои Ассотсиатсия дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ таъсис дода намешавад.

## 6. МАҚОМОТИ РОҲБАРИКУНАНДА ВА МАҚОМОТИ НАЗОРАТИЮ ТАФТИШОТӢ

6.1. Мақомоти олии роҳбарикунандаи Ассотсиатсия конфронс ба шумор меравад.

6.2. Конфронс дар як сол на камтар аз як маротиба бо иштироки на камтар аз 3/2 аъзоён баргузор мегардад.

6.3. Салоҳияти Конфронс:

- қабул кардани Оинномаи Ассотсиатсия ва ворид кардани тағйироту иловаҳо ба он;
- шунидани ҳисоботи Раёсати Ассотсиатсия ва комиссияи тафтишотӣ;
- шунидани раёсати Ассотсиатсия (мақомоти роҳбарикунанда);
- интихоби раиси Ассотсиатсия ва муовинони он;
- интихоби раис ва аъзоёни Комиссияи тафтишотӣ;
- қабули барномаи фаъолияти Ассотсиатсия;
- тасдиқи барномаҳо ва лоиҳаҳо;
- баррасии масъала дар бораи барҳам додани Ассотсиатсия;
- иҷрои дигар салоҳиятҳо, ки аз фаъолияти Ассотсиатсия бармеоянд.

6.4. Мақомоти назоратию тафтишотии фаъолияти Ассотсиатсия комиссияи тафтишотӣ мебошад.

6.5. Мақомоти роҳбарикунандаи Ассотсиатсия дар давраи байни Конфронсҳо Раёсати Ассотсиатсия ба ҳисоб меравад.

## 7. ФАЪОЛИЯТИ ДАРОМАДНОКИ АССОТСИАТСИЯ

7.1. Ассотсиатсия бо мақсади ноил шудан ба ҳадафҳои оинномавии худ метавонад фаъолияти соҳибкориро амалӣ намояд.

7.2. Фаъолияти соҳибкорӣ тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад.

7.3. Даромадҳо аз фаъолияти соҳибкорӣ байни аъзоёни Ассотсиатсия тақсим нагардида, танҳо барои ноил гардидан ба ҳадафҳои оинномавӣ истифода бурда мешаванд.

7.4. Фаъолияти соҳибкорӣ бидуни ҳуқуқи шахси ҳуқуқӣ аз ҷониби сохторҳои ҳоҷагидории Ассотсиатсия амалӣ мегардад. Дар ин маврид Ассотсиатсия барои сохторҳои хоҷагидорӣ Низомномаро таҳия ва тасдиқ

мекунад. Сохторҳои хоҷагидорӣ ҳуқук доранд, ки аз суратҳисоб ва ҳисобҳои дигари бонкӣ истифода намоянд.

7.5. Даромади аз фаъолияти сохторҳои хоҷагидорӣ воридшуда, барои ҳадафу вазифаҳои дар Оинннома пешбинишуда истифода карда мешаванд.

## 8. МАНБАЪҲОИ ҶАМЪОВАРИИ МАБЛАҒҲОИ ПУЛӢ ВА МОЛУ МУЛК

8.1. Сарчашмаи таъсисёбии моликияти Ассотсиатсия маблағҳои ҷамъовардашуда ба шумор меравад.

8.2. Даромадҳо аз ҳисоби фаъолияти соҳибкорӣ, ярмаркаҳо, намоишҳо, инчунин моликияти ба иҷора додашудаи Ассотсиатсия ташкил меёбад.

8.3. Аз ҳисоби иҷрои лоиҳаҳо, созишномаҳо, шартномаҳо ва дигарҳо.

## 9. ТАРТИБИ ДОХИЛ НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ОИННОМА

9.1. Тағйиру иловаҳо ба Оинномаи Ассотсиатсия дар асоси қарори Конфронс ворид карда мешаванд.

9.2. Оиннома бо тағйиру иловаҳо дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав ба қайд гирифта мешавад.

## 10. ТАРТИБИ АЗ НАВ ТАШКИЛКУНӢ ВА БАРҲАМ ДОДАНИ АССОТСИАТСИЯ

10.1. Қатъи фаъолияти Ассотсиатсия дар ҳолатҳои зерин сурат мегирад:

- Азнавташкилшавӣ бо қарори Конфронс ҳангоми ҳозир будани 2/3 овозҳои аъзоён сурат мегирад.

- Барҳамдиҳӣ бо қарори Конфронс ҳангоми овоздиҳии 2/3 аъзоён сурат мегирад.

10.2. Моликияти мусодирашудаи Ассотсиатсия пас аз пардохти қарзҳо барои мақсадҳои пешниҳодшудаи Оинномаи мазкур равона карда мешавад.

10.3. Раванди барҳамдиҳиро Комиссияи барҳамдиҳӣ иҷро мекунад.